**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-19**
**назди Донишгохи миллии Тоҷикистон**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта ва мукаммал арзёбӣ гардида, аз ҷониби муаллиф бо истифода аз равишҳои муосири таҳқиқоти илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ шудааст. Мавзӯи интихобгардида ба яке аз самтҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бахшида шуда, бо дарназардошти таҳдидҳои муосир ба амнияти давлатӣ ва зарурати такмили қонунгузории миллӣ аҳамияти хосси назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷиҳати мазмун ва самти таҳқиқот, рисолаи илмӣ ба ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурра мутобиқ мекунад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Қурбонзода Афзуна Азим дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба яке аз масъалаҳои воқеан мубрам ва дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бахшида шуда, хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро дар бар мегирад. Мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар шароити муосир, ки бо афзоиши таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла терроризм, ҳамлаҳои киберӣ ва дигар шаклҳои тахрибкорӣ алоқаманд аст, аҳамияти махсус пайдо намудааст, зеро чунин кирдорҳо метавонанд ба пояҳои амнияти давлатӣ ва суботи ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ

расонанд. Дар чунин шароит, таҳқиқи амиқи масъалаҳои марбут ба муайян намудани таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки муқовимат ба ин намуди ҷиноятҳо зарур ва саривақтӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳаввулоти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ба таҳкими заминаҳои илмии сиёсати ҷиноятии давлат мусоидат намуда, метавонад барои такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таъмини амнияти миллӣ хизмат намояд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бо такя ба як қатор омилҳои муҳими замони муосир ба таври илмӣ ва мантиқӣ асоснок гардидааст. Пеш аз ҳама, таъкид мегардад, ки гурӯҳҳои муосири террористӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ҳарчи бештар аз амалҳои тахрибкорона истифода мебаранд. Ин амалҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд, аз ҷумла таркишҳо дар воситаҳои нақлиёт, ҳамлаҳо ба инфрасохтори ҳаётан муҳим, ҳамлаҳои киберӣ ба объектҳои стратегӣ ва дигар кирдорҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти миллӣ, бахусус дар самтҳои иқтисодиёт ва мудофиа равона гардидаанд. Дар чунин шароит, тахрибкорӣ ҳамчун як шакли мураккаби таҳдид ба амнияти давлатӣ арзёбӣ шуда, зарурати таҳкими ҷавобгарии ҷиноятиро тақозо менамояд.

Дуюм, дар заминаи рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккули ҷомеаи рақамӣ, падидаи тахрибкории киберӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Ҳамлаҳо ба системаҳои компютерӣ, дахолат ба пойгоҳҳои додаҳо, ҷосусии киберӣ ва шаклҳои гуногуни терроризми рақамӣ метавонанд ба фаъолияти муътадили сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ халал ворид намуда, ба иқтисоди миллӣ ва амнияти иттилоотӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Ин ҳолат зарурати мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятиро ба воқеиятҳои нави рақамӣ ва таҳдидҳои киберӣ тақвият мебахшад.

Сеюм, дар шароити ташаннуҷҳои геополитикии муосир, тахрибкорӣ метавонад ҳамчун воситаи амалисозии стратегияҳои ҷангҳои гибридӣ истифода гардад. Дар чунин ҳолатҳо, амалҳои тахрибкорона, амалиёти махсус ва дигар шаклҳои таъсири пинҳонӣ ба бесуботсозии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии

давлатҳо равона мегарданд. Ин падида хусусияти трансмиллӣ дошта, таҳқиқ ва танзими ҳуқуқии онро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ зарур мегардонад.

Чорум, муаллиф дуруст изҳори андеша намудааст, ки солҳои охир динамикаи тахрибкорӣ рӯ ба афзоиш дорад ва дар баъзе ҳолатҳо он ҳамчун терроризм бандубаст карда мешавад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Дар асоси маълумоти ВКД ҶТ, дар соли 2010 – 1, соли 2011 – 6, 2012 – 2, 2013-2015 – 1, 2016 – 4, 2017- 6, 2018 – 1 ҳолати содиршавии ҷинояти тахрибкорӣ сабт гардидааст. Албатта маълумоти болозикр асоси вокеии содир шудани ҷинояти тахрибкориро нишон намедиҳад, ва дар амалия ин ҳолат бо ду омил вобаста аст: 1) ҳаммчун терроризм ва 2) ҳамчун маҷмӯи идеалӣ бо терроризм бандубаст шудани тахрибкорӣ. Сабаби чунин бандубаст дар монандии ин таркибҳо ва рақобати меъёрҳо байни моддаҳои 179 ва 309 КҶ ҶТ мебошад;

Панҷум, тахрибкорӣ ҷинояте мебошад, ки бо пайдоиши давлат бавуҷуд омадааст. Дар аввал тахрибкориро амалиёти ҷангие меномиданд, ки қувваҳои ночиз бо мақсади гумроҳ кардани душман, дур кардани диққат ва қувваҳои вай аз самти асосӣ гузаронида мешуданд. Дар замони осоишта бошад тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ фаъолона истифода мешавад, дар ҳоле ки онро метавон ҳамчун амалҳои гуногуни террористӣ ҳисоб кард.

Омилҳои зикршуда мубрамияти баланди мавзӯи таҳқиқотро тасдиқ намуда, зарурати омӯзиши амиқи назариявӣ ва такмили механизмҳои ҳуқуқии муқовимат ба тахрибкориро дар шароити муосир асоснок менамоянд.

Дар маҷмӯъ, аҳамияти мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ на танҳо бо чолишҳои кунунии амният, балки бо зарурати таҳияи стратегияҳои муассир барои пешгирӣ ва муқовимат ба шаклҳои нави таҳдидҳое, ки дар оянда метавонанд ба миён оянд, муайян мегардад. Таҳқиқоти мазкур бо равиши системавӣ таъсири тахрибкориро ба соҳаҳои стратегии ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодиёт, сиёсат ва низоми давлатдорӣ ба таври муфассал муайян намуда, потенсиали харобиовари онҳоро ошкор месозад ва зарурати андешидани тадбирҳои комплексӣ ва ҳамоҳангшударо ҷиҳати таъмини амният ва суботи давлатӣ таъкид менамояд. Муносибати методологии муаллиф ба таҳқиқот

сазовори зикри махсус мебошад. Дар рисола истифодаи васеи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба муаллиф имкон додааст мавзӯъро боэътимод, амиқ ва ҳамаҷониба омӯзад. Хусусияти муҳими таҳқиқот ҳамгироии маълумоти сифатӣ ва миқдорӣ мебошад, ки ин ба ғанигардонии хулосаҳо ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии онҳо мусоидат намудааст.

Инчунин, сатҳи баланди услуб ва забони академии рисола қобили таъкид аст. Матн бо забони дақиқ, мантиқӣ ва илмӣ таҳия гардида, барои доираи васеи хонандагон, аз ҷумла муҳаққиқон, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дастрас ва фаҳмо мебошад. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти махсуси диссертатсионӣ дар самти «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қаблан анҷом дода нашудааст, рисолаи мазкур бо навгонии илмӣ, усули таҳқиқоти фарогир ва хулосаҳои асосноки худ метавонад барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили амалияи бандубасти ин намуди ҷиноят аҳамияти назаррас дошта бошад. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани холигиҳои мавҷуда дар доктрина ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона гардида, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Ба мақсади такмил додани қонуни ҷиноятии ҶТ, муаллиф мувофиқи мақсад медонад, ки ба меъёрҳои амалкунанда тағйиру иловаҳои илман асоснок ворид карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли тавсияҳо асоснок ва пешбарӣ шудаанд, метавонанд дар сурати пазирой шуданашон мазмуни меъёрҳои амалкунандаи КҶ ҶТ-ро ғанӣ гардонида, татбиқи самараноки онҳоро

дар амалия таъмин намоянд. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд ва барои мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ аҳамияти муҳим доранд инҳо башумор меравәнд:

1. Муаллиф дар доираи консепсияи илмии худ як қатор пешниҳодҳои муҳими назариявӣ ва қонунгузориро ба миён мегузорад, ки ба такмили таркиби ҷинояти тахрибкорӣ ва мутобиқсозии он ба таҳдидҳои муосир равона гардидаанд. Пеш аз ҳама, пешниҳоди криминализатсия намудани шаклҳои муосири содир намудани амалҳои тахрибкорона, аз ҷумла ворид намудани ибораи «ҳамлаҳои киберӣ» ба диспозитсияи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 309), аз нигоҳи рушди ҷомеаи рақамӣ ва афзоиши таҳдидҳои киберӣ қобили дастгирӣ мебошад. Ин пешниҳод ба воқеиятҳои нави амнияти миллӣ мутобиқ буда, метавонад барои пурра фаро гирифтани шаклҳои навини тахрибкорӣ дар қонунгузорӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, муаллиф зарурати дақиқсозии оқибатҳои ҷинояти тахрибкориро бо ворид намудани нишондодҳое чун «ба куштори оммавии одамон, расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарари дигар ба саломатии онҳо» асоснок менамояд. Ин пешниҳод ба тавсеаи доираи нишонаҳои моддии таркиби ҷиноят равона гардида, метавонад ба дақиқтар муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва адолатнокии ҷазо мусоидат намояд. Илова бар ин, муаллиф масъалаи криминализатсия намудани чунин шаклҳои махсусан хавфноки тахрибкориро, аз қабили заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ё эпифитотияҳо ба миён мегузорад. Ин пешниҳод бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳдидҳои биологию экологӣ аҳамияти махсус дошта, ба таҳкими ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ равона гардидааст. Дар маҷмӯъ, пешниҳодҳои мазкур дорои навгонии илмӣ буда, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мутобиқсозии он ба таҳдидҳои муосир мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, татбиқи онҳо таҳлили иловагии назариявӣ ва амалиро талаб менамояд, то ки ҳамоҳангии онҳо бо дигар меъёрҳои қонунгузорӣ ва принсипҳои асосии

ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипи муайян будани қонун ва манъи тафсири васеъ, таъмин гардад.

2. Пешниҳоди дигаре, ки қобили қабул аст дар рисола дар шакли зерин омадааст: "Давлатҳои хориҷӣ, гурӯҳҳои (ташкилотҳои) террористию экстремистӣ метавонанд тахрибкориро бо мақсади суст кардани амнияти миллӣ ва заиф гардонидани амнияти иктисодии Тоҷикистон, пешбурди манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, душманона, иқтисодӣ ва ғайраҳо истифода баранд ва он аксаран ба таври пинҳонӣ сурат мегирад. Тахрибкорӣ дар ҷаҳони муосир метавонад аз ҳар гӯшаи ҷаҳон анҷом дода шавад. Истифодаи бемамониати ТИК дар масъалаҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ шаклҳои нави тарафи объективии тахрибкориро ба вуҷуд меорад, яъне тахрибкории кибернетикиро. Ин муқаррарот бояд аз категорияи гипотеза ба категорияи амалияи устувор гузарад. Корношоям кардани инфраструктураи ҳарбӣ, таҷҳизоти саноатӣ, системаҳои автоматии идоракунӣ, барномаҳои компютерӣ ва дигар иншооти мудофиавӣ муҳимтарин вазифаҳоест, ки дар натиҷаи тахрибкории кибернетикӣ ҳал карда шудаанд. Барои ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ аз ҳамлаи киберӣ, ки ба амнияти давлат таҷовуз мекунад, ҷиноят ҳисоб карда, ин амал ҳамчун ҷиноят – тахрибкорӣ тасниф карда шавад". (саҳ. 13 дис.)

3. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки дар сатҳи КҶ ҶТ чунин тағйиротҳои асоснок ворид карда шавад:

а) Дар к. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок;

б) Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

в) Асоснок карда шудааст, ки дар қ. 1 м. 309 ибораи «равона шудааст» ба «бевосита равона шудааст» иваз карда шавад.

4. Пешниҳоди дигари муҳими муаллиф ба такмили диспозитсияи моддаи 309-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, ворид намудани шакли нави содир кардани ҷинояти тахрибкорӣ тавассути «ҳамлаҳои киберӣ»-ро дар бар мегирад. Муаллиф ин навовариро бо дарназардошти воқеиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва афзоиши таҳдидҳои рақамӣ асоснок намуда, ба таври дуруст таъкид мекунад, ки шаклҳои анъанавии тахрибкорӣ имрӯз бо усулҳои технологӣ пурра гардидаанд. Дар доираи мафҳуми «ҳамлаи киберӣ» муаллиф маҷмӯи амалҳои хатарнокро дар назар дорад, аз ҷумла: вуруди беиҷозат ба шабакаҳои компютерӣ, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забт ё дуздии иттилооти махфӣ, халалдор намудани фаъолияти системаҳои иттилоотӣ ва дигар шаклҳои дахолати ғайриқонунӣ. Хусусияти фарққунандаи чунин кирдорҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо метавонанд бе таъсири мустақими ҷисмонӣ ба объектҳо низ зарари ҷиддӣ расонида, фаъолияти инфрасохтори муҳими давлатӣ ва иқтисодиро халалдор созанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки чунин ҳамлаҳо, дар сурате ки ба заиф намудани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона бошанд, бояд ҳамчун шакли тахрибкорӣ арзёбӣ гардида, ба доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил карда шаванд. Ин пешниҳод ба тамоюлҳои муосири рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқ буда, ба тавсеаи доираи ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии амнияти миллӣ дар шароити рақамикунонӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, барои татбиқи самараноки чунин пешниҳод, зарур аст, ки мафҳуми «ҳамлаҳои киберӣ» ба таври дақиқ меъёрбандӣ гардида, аз дигар таркибҳои ҷиноят (масалан, ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ) фарқ карда шавад, то ки мушкилиҳои эҳтимолии бандубаст ва тафсири васеъ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои тахрибкорӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Дар диссертатсия, инчунин, зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар конунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд. Ҳамчунин, навоварии илмии диссертатсия дар як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосёфтаи муаллиф оид ба бандубасти ин ҷиноят бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, ки баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон равона гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсия ва автореферати он, аз ҷумла баррасии ақидаҳо, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, инчунин масъалаҳои қонунгузорӣ ва амалие, ки аз ҷониби муаллиф матраҳ гардидаанд, ба таври возеҳ аз мавҷудияти мавқеи мустақили илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Муаллиф тавонистааст нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои худро бо истифода аз доираи васеи манбаъҳои илмӣ, таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок намояд, ки ин аз мустақилияти таҳқиқот ва сатҳи баланди омодагии илмии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин бо такя ба заминаҳои фарохи таҷрибавӣ таъмин гардидааст. Аз ҷумла, истифодаи маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ ба муаллиф имкон додааст, ки хулосаҳои худро на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар асоси далелҳои воқеии амалия низ мустаҳкам намояд. Ин омил ба баланд гардидани аҳамияти амалии таҳқиқот мусоидат мекунад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот ба пояҳои устувори меъёрии ҳуқуқӣ такя мекунанд, аз ҷумла ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда. Ин заминаи ҳуқуқӣ ба натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокӣ ва арзиши амалии баланд бахшида, имкони истифодаи онҳоро дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ фароҳам меорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд дар такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, махсусан ҷиноятҳои марбут ба тахрибкорӣ, мавриди истифода қарор гиранд. Ин пешниҳодҳо барои такмил додани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд дар самти ошкор, таҳқиқ ва бандубасти ҷинояти тахрибкорӣ аҳамияти назаррас доранд. Хусусан, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мураккаби рақобати меъёрҳо байни тахрибкорӣ ва терроризм, инчунин дар таҳияи қарорҳои тавзеҳии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмини татбиқи яксон ва дурусти қонунгузории ҷиноятӣ, истифода шаванд. Муаллиф, бо такя ба таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, як қатор пешниҳодҳои асоснокро барои мукаммалгардии қонунгузории миллӣ ба миён гузоштааст, ки дорои аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Аз ҷумла: а) пешниҳод мегардад, ки чунин шаклҳои кирдорҳо криминализатсия карда шаванд, ба мисли мусоидат ба фаъолияти тахрибкорона, гирифтани таълим барои анҷом додани амалиёти тахрибкорона, ташкили гурӯҳи (иттиҳоди) тахрибкорона ё иштирок дар он, инчунин тахрибкорие, ки бо қатли оммавии одамон, расонидани зарар ба саломатии онҳо, заҳролудшавии оммавӣ, паҳн намудани эпидемия, эпизоотия ва эпифитотия алоқаманд аст; б) пешниҳод мегардад, ки аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷинояти тахрибкорӣ дақиқ карда шаванд, аз

ҷумла: содир намудани тахрибкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; тахрибкорие, ки боиси расонидани зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои вазнин мегардад; инчунин тахрибкорие, ки боиси марги инсон шудааст.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминология», инчунин курсҳои махсус, аз кабили «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо», васеъ истифода шаванд.

Хулосаҳои илмии бадастомада нишон медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур воқеан ба пур намудани камбудиҳои мавҷуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намуда, заминаи назариявӣ ва амалии такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар самти муқовимат ба тахрибкориро фароҳам месозад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла фактҳо, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф, дар маҷмӯъ дар 14 мақолаи илмӣ инъикоси худро ёфтаанд. Аз ин шумора, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки ин ба талаботи муқарраргардидаи нашри натиҷаҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои калидии диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи мазкур ва дигар маҷаллаву маҷмуахои илмӣ ба табъ расидаанд, ба таври муфассал инъикос гардида, мавриди баррасии ҷомеаи илмӣ қарор гирифтаанд. Ин ҳолат аз санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот дар муҳити илмӣ ва эътирофи нисбии онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар доираи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли гузоришҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Ин имкон фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот мавриди муҳокимаи васеъ қарор

гирифта, бо назардошти андешаҳои муҳаққиқон ва мутахассисон такмил дода шаванд.

**Эродҳо.** Дар баробари дастовардҳои назаррас ва пешниҳодҳои судманд, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқот аҳамияти муҳим дорад. Дар ин замина, эродҳои зерин ҳамчун тавсияи илмӣ пешниҳод мегарданд:

1. Дар диссертатсия муаллиф пешниҳод менамояд, ки «ташкил ва гирифтани таълими дорои хусусияти тахрибкорона» ба доираи кирдорҳои ҷиноятӣ ворид карда шуда, криминализатсия гардад. Вале чунин пешниҳод ба таври кофӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок карда нашудааст. Аз ҷумла, норушан мемонад, ки ин кирдорҳо то чӣ андоза дорои дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ мебошанд, ки онҳоро ҳамчун ҷиноят эътироф кардан зарур бошад, инчунин муносибати онҳо бо таркибҳои мавҷудаи ҷиноят чӣ гуна аст. Дар ин замина, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки зарурати криминализатсияи чунин рафторро бо такя ба меъёрҳои илмии криминализатсия (хавфнокии ҷамъиятӣ, паҳншавӣ, зарурати танзими ҷиноятӣ ва ғайра) ба таври муфассал асоснок намояд.

2. Дар саҳифаи 155-и диссертатсия муаллиф чунин хулоса менамояд: «Ҳамин тавр, ҳама гуна фаъолияте, ки ба кӯшиши паст кардани қобилияти мудофиавии Тоҷикистон марбут аст (ташкил ва содир намудани амалҳои тахрибкорӣ дар шакли амалҳое, ки ба вайрон кардани объектҳои дорои аҳаммияти мудофиавӣ нигаронида шудаанд) бояд ҳамчун тахрибкорӣ эътироф шавад». Ин мавқеъ дорои хусусияти баҳснок мебошад, зеро, тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, на ҳар гуна кирдоре, ки ба иқтидори мудофиавии давлат таъсир мерасонад, метавонад ҳамчун тахрибкорӣ бандубаст гардад. Дар амал, як қатор ҷиноятҳои дигар низ мавҷуданд, ки метавонанд ба иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонанд (масалан, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти давлатӣ, хиёнат ба давлат, терроризм ва ғайра), вале онҳо дорои таркиби мустақили ҷиноят буда, аз рӯи аломатҳои

объективӣ ва субъективӣ аз тахрибкорӣ фарқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, тавсеаи ҳадди мафҳуми тахрибкорӣ метавонад боиси норавшан гардидани сарҳади ин таркиби ҷиноят ва мушкилиҳо дар амалияи бандубаст гардад.

3. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ҳайвонот ва растаниҳо ҳамчун предмети тахрибкорӣ эътироф карда шаванд. Ба ақидаи мо зиёд кардани предмети ҷиноят ва нишон додани ҳар яки он дар диспозитсияи ҷиноят ба зиёдатии меъёр оварда мерасонад. Ҳамчунин миқдори ҳайвоноту рустаниҳо дар хеле зиёданд, пас мо кадом намуди онҳоро ҳамчун предмети тахрибкорӣ эътироф намоем. Саволҳои мазкур шарҳи иловагӣ ва асосноккуниро талаб мекунанд. Фикри муаллиф вобаста ба ин масъла талаб карда мешавад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиљаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионї, аз он љумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарљ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия ва автореферати Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидааст, аз ҷиҳати мазмун, сатҳи илмӣ, навгонии таҳқиқот ва аҳамияти назариявию амалии худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Махсусан, рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Қурбонзода Афзуна Азим сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур мутобиқи талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, ҷавобгӯи меъёрҳои муқарраргардида мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессори
кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ
ва таъмини амнияти Академияи
Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ҳ.С.

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи Вазорати
корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3. Телефон: (+992) 931138523, E-mail: avkdtj@mail.ru, htpp://www.avkd.tj
«29» апрели с. 2026